**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии**

**Тоҷикистон, профессор**

**__________ Хушвахтзода Қ.Х.**

**«___» ______________ соли 2022**

# ХУЛОСАИ

маҷлиси муштараки кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба мубрамият ва аҳаммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисои 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович – «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №1 аз 29 августи соли 2022 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович соли 2014 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Рисолаи номзадиашро соли 2018 дар мавзӯи «Административно-правовые основы организации и деятельности таможенных органов Республики Таджикистан” дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир ҶТ ба марҳилаи сифатан нави рушд қадам ниҳодааст, ки сарчашмаи он касби

Истиқлоли давлатӣ мебошад. Мустақилияти сиёсӣ барои ҶТ аҳамияти таърихӣ дошта, заминаи муҳимтарини бунёди давлати миллӣ, амалисозии вазифа ва ҳадафҳои таърихии дар назди халқи Тоҷикистон гузоштташуда, ташкили фазои комилан муносиб ҷиҳати бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ рушд ва танзим намудани соҳаҳои гуногуни ҷомеа, пайвастани ҶТ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дар ин сатҳ мустаҳкам кардани мавқеи устувор ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки «Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат, ки баъд аз садсолаҳои зиёди ҷонбозиҳо ва заҳмати басо сангину азму талошҳои пайвастаи мардуми озодихоҳи мо ба даст омад, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ ва дар айни замон басо пурифтихор, яъне бунёди давлати навини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосири тоҷиконро гузошт». Бинобар ҳамин, дар раванди муосир ҶТ ҳамчун давлати мустақил ва комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ дар назди худ вазифа ва ҳадафҳои нисбатан муҳимро ҷиҳати нигаҳдорӣ ва мустаҳкамии пояҳои давлатдорӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди соҳаҳои дахлдори ҳаёти ҷамъиятӣ ва таъмини суботу ризояти миллӣ гузоштааст, ки дар натиҷа ба амалишавии рисолати ҶТ дар назди шаҳрвандон, ҷомеа ва аҳли башар мусоидат менамоянд.

Фаъолияти гумрукӣ ба мисли падидаҳои нави дар давраи Истиқлоли давлатии ҶТ бавуҷудомада зуҳурот ва соҳаи нав мебошад, ки ташаккулёбии он дар шакли муосир бевосита дар ин марҳилаи рушди Тоҷикистон рост меояд. Айни замон фаъолияти гумрукӣ мақом ва манзлати хосаро доро буда, алоқамандии он аз доираи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ берун баромада, ба ҳалли дигар масъалаҳо мусоидат менамояд. Дар назди ҶТ ҳамчун давлати мустақил вазифа ва ҳадафҳои гуногун гузошта шудааст, ки амалисозии онҳо дар қатори дигар механизмҳо, ҳамчунин тавассути фаъолияти гумрукӣ низ созгор

мегарданд. Дар баробари вазифа ва ҳадафҳои умумӣ ва асосие, ки аз таъиноти фаъолияти гумрукӣ бар меоянд, ҳамчунин як қатор вазифаҳои муҳимме ҷой доранд, ки амалисозии онҳо метавонанд дар заминаи фаъолияти гумрукӣ таъмин гарданд. Аз он ҷумла, таъмини амнияти миллӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти экологӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва моликияти зеҳнӣ, мубориза бо қочоқи инсон, силоҳ, маводҳои нашъаовар ва объектҳои муомилоташон манъшуда, терроризму ифродгароӣ ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ ва ғ.

Дар шароити муосир барои ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии самаранок дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ як қатор омилҳо ҷой доранд, ки метавонанд ба раванди рушд ва устувории ин самт таъсир расонанд. Ба монанди, таъмини сифати қонунгузории соҳавӣ ва татбиқи дурусти онҳо аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, муқаррарнамоии созгори тадбирҳои гумрукию тарифӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, иҷрои босифати функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, таъмини устувории сатҳи касбии шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур, рушди ҳамкории миёни мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва дигар мақомоти давлатию институтҳои алоҳида, таҳия ва ба роҳ мондани ҳавасмандгардонии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дарёфти роҳҳои муносиби танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва бо ин роҳ амалисозии вазифаҳои идоракунии давлатӣ, ки дар алоқамандӣ бо фаъолияти гумрукӣ қарор доранд (аз он ҷумла, ҳамгироии ҶТ бо иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, ҳимояи субъектони фаъолияти иқтисодии ватанӣ ва ғ.), истифодаи самаранок ва васеи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ дар раванди фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он, таъмини ҳамаҷонибаи қонуният тавассути фишангҳо ва воситаҳои муносиб, ҳамчунин кафолати таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва дар маҷмуъ таъмини сатҳу сифат, самаранокӣ, иҷро ва риояи пурра ва

ҳамаҷонибаи талаботи қонунгузорӣ дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби тамоми иштирокчиёни ин раванд.

Бо ҳамин мазмун, таҳқиқоти масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ мубрам буда, метавонад, ки ҳамчун воситаи рушддиҳӣ ва такмилдиҳанда дар самти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** таҷассумгари он аст, ки дар заминаи таҳлил ва таҳкиқоти илмии ҳуқуқи маъмурӣ рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти муҷтамаъ роҷеъ ба масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ маҳсуб меёбад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ба мисли падидаи идоракунии давлатӣ ва фаҳмиши он дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир, мазмун ва моҳияти фаъолияти гумрукӣ ҳамчун масъала ва соҳаи марказии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки ба маънии том объекти чунин намуди идоракунии давлатиро ташкил медиҳад, функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва қонуният дар идоракунии давлатии соҳаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, баъзе ҷанбаҳои таърихии ташаккули масъалаи баррасишаванда, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, шароит ва омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ба ташкили фаъолияти гумрукӣ ва раванди идоракунии давлатии он таъсиркунанда ва муқаррароти амалкунандаи қонунгузории соҳавии ҶТ аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳлили муҷтамаи табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, таҳия консепсияҳои асосноки илмӣ роҷеъ ба масъалаи баррасишаванда, ҳамзамон бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва таҷрибати давлатҳои муосир дар самти мазкур пешниҳод намудани тавсияҳо бо мақсади такмил ва рушди

идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ мебошад. Ба ғайр аз ин, мақсади дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ ин дар заминаи таҳлил ва баррасии масъалаи баррасишаванда коркарди пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар дар соҳаи мазкур, рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ва мусоидат намудан ба амалишавии вазифа ва ҳадафҳои олие, ки дар назди ҶТ дар шароити муосир гузошта шудааст, маҳсуб меёбанд.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои болозикр, амалишавии **вазифаҳои** зерин аз аҳамият холӣ нест:

- таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқии маъмурии падидаи идоракунии давлатӣ;

- таҳлил ва баррасии фаъолияти гумрукӣ ва мазмуни он ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ;

- ошкор ва муайян намудани мазмун ва намудҳои функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- таҳлили масъалаи шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- баррасӣ ва таҳлили падидаи усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- ошкор намудани мафҳум, моҳият ва намудҳои ҳуқуқии мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- баррасӣ ва таҳқиқи махсусият, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва низоми мақомоти гумруки ҶТ ҳамчун мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- таҳлили мазмун, табиат ва аҳамияти қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- таҳқиқ ва равшан намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар доираи зиёди конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ-назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърузаҳо пешниҳод

гардидааст. Ҳамзамон, муҳатавои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар осори илмии ба табъ расонидаи муаллиф, ки теъдоди онҳо зиёда аз 50 осорро ташикил медиҳад инъикос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода мегардад, ки ӯ ҳангоми таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои илмиро вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти пешниҳод карда, паҳлуҳои алоҳидаи онро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст, ки ба амалӣ намудани вазифа ва мақсадҳои таҳқиқот равона гардидаанд. Ҳамзамон, мафҳумҳо, хусусиятҳо, омилҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқотро муайян намуда, тавсия ва пешниҳодҳоро вобаста ба масъалаҳои гуногуни таҳқиқот таҳия кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти маъмурӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисои 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ба талаботи бандҳои 25 ва 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ буда, саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» ба барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисои 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ; назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф”- 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ; назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 27 сентябри соли 2022, №65/1) аз 08 октябри соли 2022

**Раиси ҷаласаи муштарак:**
Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби ҷаласаи муштарак:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

**Муқарризи №1:**
Директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии наздиДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзамонзода Х.М.

**Муқарризи №2:**
Муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
“11” 10 2022 с.